# ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ ба диссертатсияи Абдулов Ҷамолиддин Мухрудинович дар мавзуи “Ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, равшан намудани робитаи он ба таърихи миллат, аз ҷумла, омӯзиш ва дарки ёдгории осорхонаҳои мактабӣ аз ҷониби насли наврас яке аз масъалаҳои хеле муҳимми раванди таҳсилу тарбия аст. Кулли рӯйдодҳои таърихӣ ва дигаргуниҳои дунё дар назди мактабу маориф масоили таҳлилу дарки воқеияти муосирро ба миён мегузорад, зеро фазои ҷомеа мунтазам ва пайваста зимни дигаргуниҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ-маърифатӣ дар ҷараёни ташаккул ва рушду нумуъ қарор дорад. Таҳқиқи вазъи таълиму тарбия дар заминаи таҳқиқу омӯзиш собит мекунад, ки фарҳанги шаҳрвандӣ дар кадом мавқеъ қарор дорад, чӣ корҳою чӣ нақшаҳое роҳандозӣ гардидаанд, оё масъалаҳои ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонандагони макотиби миёна маҷрои дилхоҳу мувофиқро қабул кардааст.

Мақсади асосии ташкил додани осорхонаҳои мактабӣ ташаккул додани худшиносӣ ва ифтихори насли наврас аз таърих, фарҳанг ва маданияти қадими миллати хеш мебошад. Насли наврасии худшинос аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқӣ устувор буда, ба қадри меҳнати бунёдкоронаи атрофиён расида, ҳурмату эҳтироми нисбат ба атрофиён афзун мегардал.

Дар зери таъсири осорхонаи мактабӣ насли наврас ба мақсаду муҳтавои Осорхонаи Миллӣ ошно гардида, дар онҳо майлу хоҳиши дидани дигар марказҳои фарҳанги бедор мегардад. Зеро мафҳуми ватандӯстӣ, муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба таърихи гузашта, ҳозира ва ояндаи пурғановати миллат фаҳмида мешавад, ки дар ин замина, беиштибоҳ, нақши осорхонаҳо ва дастовардҳои илмию фарҳангии даврони соҳибистиқлолӣ назаррас мебошад.

Осорхонаи мактабӣ яке аз шаклҳои пешбурди фаъолияти эҷодӣ ва ҷамъиятӣ ба шумор рафта, дорои арзишҳои баланди тарбиявӣ ва ахлоқӣ мебошад. Тавассути осорхона хонанда имконият пайдо менамояд, ки муносибати худро ба маданият, фарҳанг ва таърихи миллат муайян намояд.

Вобаста ба ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ба масъалаи ҳифзи гиромидошти мероси ниёгон, омӯзишу таҷрибаи сарватҳои таърихию фарҳангӣ ва тарбияи ватанпарастӣ, хештаншиносӣ, зебоипарастии насли наврасу ҷавонон таваҷҷӯҳи хосса зоҳир намуда, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи берун баровардан ва ворид кардани сарватҳои таърихию

фарҳангӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Осорхонаҳо ва Фонди Осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои омӯзишу таҷрибаи мероси ниёгон, ҳифзи барқарорнамоии ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва худшиносию худогоҳии ҷомеа мусоидат кунанд.

Диссертатсияи мазкур мубрам ва ба талаботи замон мувофиқ буда, дар шароити муосир барои ба таври мақсаднок ва босифату самарабахш ба роҳ мондан ва ташаккул додани мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагон дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Муҳаққиқ бо назардошти таҳқиқот ва фарзияи пешниҳодгардида вазифаҳои зеринро муайян намудааст:

1. Ошкор сохтани самтҳои асосӣ ва вижагиҳои педагогии ташаккул ва тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ.

2. Амиқ ва равшан сохтани роҳҳои ташаккул ва тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ.

3. Таҳлилу тадқиқи ҷойгоҳ, шаклу воситаҳои таълим, хусусиятҳои ташаккул ва рушди ҳувияти миллӣ ва тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ.

4. Муайян кардани роҳ, усул, низом ва тартиби парвариши мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ.

5. Коркард ва пешниҳоди низоми махсуси педагогӣ оид ба ташаккул ва парвариши мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки:

1. Таҳқиқоти мазкур аз нахустин корҳои илмии мукаммал оид ба омӯзиш ва баррасии ташаккул ва парвариши мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ мебошад.

2. Дар раванди таҳқиқ мушкилоти тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мушаххас гардида, нақши осорхонаҳои мактабӣ чун нишони боэътимоди ҳувияти миллӣ ва худшиносии миллӣ ҳаллу арзёбӣ шудааст.

3. Дар заминаи истифода аз мероси гаронбаҳои моддӣ-маънавии халқи тоҷик, ки, аз ҷумла, дар осорхонаҳои мактабӣ гирд оварда шудаанд, роҳҳои оқилонаи тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон дар амалияи фаъолияти ҳаррӯза бо назардошти хусусиятҳои инфиродӣ-психологӣ татбиқ гардид.

4. Дастовардҳои илмии муаллиф дар тадқиқот имкон медиҳад, ки ҳисси баланди худшиносии миллии хонандагон дар масири дурусту беғалат омӯхтани маводи дар осорхонаҳои мактабӣ мавҷуд буда бедор гардад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.

Дар диссертатсия масъалаи нақши осорхонаҳои мактабӣ дар тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон вақти таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бори аввал мавриди тадқиқи

фарогир қарор гирифтааст. Таҳқиқ ва омӯзиши асосҳои илмӣ-педагогии ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасон тавассути осорхонаҳои мактабӣ дар илми педагогикаи ватанӣ аҳамияти назаррас ва амиқи назариявӣ ва амалӣ дорад. Аз ҷумла:

- барои пажуҳиш ва рушди таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ кумак хоҳад расонд;
- дар тарбия ва парвариши мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон ба омӯзгорони ояндаи фанни таърих ёрии амалӣ хоҳад расонд;
- ба дарки моҳият ва аслияти осорхонаҳо дар ҳаёти ахлоқӣ-маънавии хонандагон дар самти ташаккули ҳувияти миллӣ, худшиносии миллӣ, ҳисси бузурги ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ мусоидат хоҳад кард;
- ҳамчун дастури маърифатӣ-таълимӣ барои кулли мутасаддиёни ин сохтори муҳимми соҳаи маориф ва осорхонаҳои мактабӣ хидмати беминнат хоҳад кард;
- маводи таҳияшуда метавонад дар нашри китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, қомуснома ва солномаҳои таърихӣ истифода гардад;
- чун роҳнамо ва дастур дар самти интихобшудаи илми педагогикаи ватанӣ истифода бурда мешавад;
- таҳқиқот метавонад барои собит намудани бартарии осорхонаҳои мактабӣ дар ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дар раванди таълими фанни таърих саҳифаҳои нав боз кунад.

Дар диссертатсия масъалаҳои истифодаи усулҳои гуногуни тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ, ки табиати ватандӯстӣ доранд, ҷиҳати ғанигардонии методологияи таълим, бо роҳи истифода аз моделҳои дидактикӣ, мавқеъ ва тарзи истифодабарии методҳои таълими хусусияти ҳувияти миллидошта тадқиқ шудааст ва барои омӯзгорон, унвонҷуён, донишҷӯёни факултетҳои таърих ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти бузурги амалӣ касб мекунад.

Омӯзгорон ва дастандаркорони соҳаи маориф, ки ба масъалаҳои тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ, таълиму тарбияи ватандӯстӣ, инсондӯстӣ ва ҳувияти миллӣ сару кор доранд, аз рисола васеъ истифода бурда метавонанд. Муҳаққиқон ва алоқамандони таърихи халқи тоҷик, омӯзгорони фани таърих, кормандони осорхонаҳои мактабӣ дар самти таълиму тарбия метавонанд аз маводи рисола баҳрабардорӣ намоянд, ки он далели аҳамияти назарраси амалӣ доштани рисола маҳсуб меёбад.

Боби якуми диссертатсия - "Асосҳои назариявӣ-методологии тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ" - ба таҳлили назариявии заминаҳои фарҳангиву таърихии пайдоиши осорхонаҳои мактабӣ ва нақши онҳо дар тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонадагон бахшида шуда, аз се зерфасл иборат аст.

Зерфасли аввали боби аввал - "Заминаҳои таърихии илми осорхонашиносӣ" - ба таърихи пайдоишу рушди осохонашиносӣ ҳамчун илми мустақил бахшида шуда, мавзуи мазкур дар давраҳои гуногуни

таърихӣ ва дар доираи мамлакатҳои гуногун мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар зерфасли дуюм боби аввал - “Ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон ҳамчун рукни таркибӣ ва ҷудонашавандаи тарбияи худшиносии миллӣ. Тарбияи худогоҳӣ, ваҳдат, ҳувият ва ифтихори миллӣ” - масъалаҳои тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ ва хештаншиносӣ, ташаккули тафаккури миллии шаҳрвандон, ифтихор аз қавму миллати хеш, эҳтиром ва гиромӣ доштани таърих ва мероси фарҳангии ниёгон, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад.

Бояд тазаккур дод, ки мазмун ва мундариҷаи тафаккури миллӣ, ки дар вазъи ташаккули пайваста қарор дорад, қабл аз ҳама, дар асарҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат», «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» асоснок шудаанд.

Дар боби аввал маълумоти комил оид ба фаъолияти осорхонаҳои мактабӣ ва назари муаллиф аз ғановату шаҳомати онҳо арзёбӣ шудааст.

Зерфасли сеюми боби аввал - “Принсипҳои ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ” - номгузорӣ гашта, бевосита ба масъалаи нақши осорхонаҳои мактабӣ дар ташаккули мавқеъи шаҳрвандии хонандагон бахшида шудааст.

Зикр мегардад, ки осорхонаи мактабӣ яке аз омилҳои боэтимоди сарчашмаи дониш маҳсуб ёфта, дар пешрафти таълиму тарбия ва инкишофи ҷаҳонбинии ҷавонон кӯмаки нишонрас ва амалӣ мегузоранд.

Зерфасли чоруми боби аввал – “Вижагиҳои хоси ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ” - ба таҳлили назариявӣ ва амалии саҳми осорхонаҳои мактабӣ ба ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонандагон бахшида шудааст.

Омӯзиши фаъолияти осорхонаҳо аз масъалаҳое мебошад, ки ба муҳтаво, усул ва шаклҳои муассири арзёбии он, интихоби методология ва самаранок ба роҳ мондани фаъолияти назариявӣ-амалии онҳоро муҳим мешуморад. Зеро танҳо тавассути дарки бонизоми мафҳуми осорхона ҳамчун муҳити омӯзишӣ метавон ба ташхиси мавқеи педагогикаи самти осорхонавӣ, масъалагузорӣ, муайян намудани ҳадафҳо ва вазифаҳои он муваффақ гардид.

Омӯзиш ва таълиму тарбия дар муҳити осорхонаҳои мактаб дар баробари ҳифзу нигаҳдорӣ, ҷустуҷӯ ва намоиши ашёю асбоби осорхонаро дар бар мегирад. Омӯзиши фаъолияти бисёре аз осорхонаҳо собит месозад, ки дар айни замон он бо дигар муассисаҳои таълимии кишвар чандон ҳамсохтор ва ҳамоҳанг нест: он на ҳамеша ҳамчун системаи ягонаи илмӣ ва фарҳангиву омӯзишӣ ба чашм мерасад.

Боби дуюми рисолаи диссертатсионӣ таҳти унвони “Шароитҳои педагогии татбиқи корҳои таълиму тарбиявии осорхонаҳо дар ташаккул додани мавқеи шаҳрвандӣ дар наврасону ҷавонон” ба таҳқиқи озмоишии масъалаи мавриди назар ва зимни он ошкор намудани

шароитҳои педагогии ташаккули мавқеъи шаҳрвандӣ дар наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ бахшида шудааст.

Зерфасли аввали боби дуввум – "Коркард ва татбиқи шароитҳои таъминкунандаи самарабахши ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ" - ба таҳқиқи амалӣ ва ошкор сохтани шароитҳои ба ташаккули мавқеи шаҳрвандии ҷавонону наврасон мусоидаткунанда бахшида шудааст.

Мавқеи шаҳрвандии хонанда – дар худ парваридани эҳсоси ботинии эътиқод ва муҳаббат ба сиёсати давлат, ҳуқуқи инсон, ҷомеаи шаҳрвандӣ, майл ва хоҳиши шаҳрванди фаъол будан ба хотири хидмат кардан ба манфиат ва рушди ҷамъият мебошад. Дар ин росто худшиносии миллӣ ҳамчунин ба сифати унсури асосии арзишҳои шаҳрвандӣ ташаккул меёбад, ки мансубияти хонандаро ба миллати худ, мавқеи ӯро дар ҷомеа ва муносибатҳои иҷтимоӣ, фаҳмиши манфиатҳои миллӣ ва амсоли он густариш медиҳад.

Зерфасли дуюми боби мазкур – "Мазмун, шакл ва мундариҷаи корҳои осорхонаи мактабӣ ва дар ин замина ба роҳ мондани тарбияи босамари мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон" - ба ташкили бонизоми осорхонаҳои мактабӣ дар партави мавзӯи таҳқиқоти мазкур, шакл ва мундариҷаи кори он бахшида шудааст.

Дар ташкилу бунёди сосрхонаҳои мактабӣ, аввалан, саъю талоши омӯзгорон, ба хусус омӯзгорони фанни таърих дорои аҳамияти хоса аст. Ҳамзамон, аз ҳисоби омӯзгорон таъйин намудани мудир ва аъзои осорхонаи мактабӣ шарти муҳим аст. Ҳамон тавре, ки дар рисола зикр шудааст, пас аз ташкилу бунёд ва таъйин намудани мудиру аъзои осорхонаи мактабӣ як қатор ҳуҷҷатҳои заруриро низ бояд мураттаб намуд.

Зерфасли сеюми боби дуввум "Таҳлили натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-таҳқиқотӣ оид ба рушди мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ" ном дошта, ба таҳлилу баррасии натиҷаҳои таҳқиқоти педагогӣ дар самти рушди мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон зимни осорхонаҳои мактабӣ бахшида шудааст.

Муаллиф дар асоси таҳлил, таҳқиқ ва баррасии маводи мавҷудаи илмӣ, педагогӣ, психологӣ ва таҷрибаи пешқадами омӯзгорон рисоларо таълиф намуда, фикру андешаҳои худро дар такя бо нишондодҳои таҳқиқот, мушоҳидаҳо ва суҳбатҳо мувофиқи мақсад, вазифаҳо ва фарзияву қазияҳои пешниҳодкардашуда арзёбӣ намудааст, ки онҳо ба нақшаи кории диссертатсия мувофиқат мекунад.

Муаллиф интихоби усул ва тарзи таълим, амалигардонӣ ва санҷиши бевоситаи кори таҷрибавӣ-озмоиширо босамар ба роҳ монда, барои ба анҷом расонидани рисолаи диссертатсионӣ ва фишурдаи он, таҳияву нашри мақолаҳои илмӣ, гузориш дар конфронсу семинарҳо муташакилона фаъолият намудааст. Аз ҷумла, 5 адади мақолаҳои илмӣ

дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ, ки дар ҷадвалу диаграммаҳо оварда шудааст, ҷолиби диққат мебошад, ки вобаста ба объекти омӯзиш ба роҳ монда шуда, аз таҳлили омори математикӣ иборат аст, ки хоси таҳқиқоти педагогӣ –иҷтимоӣ мебошад.

Аз нуқтаи назари мо, рисолаи илмии Абдулов Ҷамолиддин Муҳрудинович дар мавзӯи "Ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ" таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар педагогикаи ватанӣ ба ҳисоб меравад.

Дар баробари муваффақиятҳои зикршуда, дар рисола баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили минбаъдаи он хеле муфиданд:

1. Хуб мебуд, муҳаққиқ дар асоси натиҷаҳои бадастомада дар рисолаи илмӣ ва ё дар шакли алоҳида тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон, волидон, мутахассисони соҳаи маориф дар маҳал ва оид ба ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагон дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ мураттаб ва пешниҳод намояд. Ин арзиши амалии таҳқиқотро боз ҳам афзунтар менамояд.

2. Дар диссертатсия ва фишурдаи он корҳои илмии олимони ватанӣ, ки ба мавзуи таҳқиқотӣ бахшида шудаанд, ба кадри кофӣ таҳлилу баррасӣ нагардидаанд. Ҳоло он ки, ин манбаъҳо дар руйхати адабиёт оварда шудаанд.

3. Беҳтар мешуд агар муаллиф оид ба ҷабҳаҳои назариявиву методологии мавзуъи мазкур васеътар истода мегузашт.

4. Дар баъзе саҳифаҳои кори диссертатсионӣ ва фишурдаи он хатогиҳои имлоӣ, мантиқӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ба таҳриру тасҳеҳ ниёз доранд.

Камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси рисолаи илмии Абдулов Ҷамолиддин Муҳрудинович дар мавзӯи "Ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ"дар ҳудуд ва миқёси мавзӯи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Кори диссертатсионӣ анҷомёфта буда, мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мазмуни рисола мувофиқат мекунанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Абдулов Ҷамолиддин Муҳрудинович дар мавзӯи "Ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ" кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Нуқтаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии рисолаи илмиро инъикос менамояд. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Абдулов Ҷамолиддин Мухрудинович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои педагогӣ, дотсент
директори Муассисаи давлатии таълимии
“Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор” Давлатзода Ҷ.

Имзои Давлатзода Ҷамиларо тасдиқ менамоям.
Сардори шӯъбаи кадрҳои Коллеҷи омӯзгории
шаҳри Ҳисор Ниёзова З.

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 735020. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Ҳисор кучаи Камоли Хуҷанди 2А
тел: (8 – 3139) 25-4-30, Факс: +9928313925430 Элек. почта: koh@koh.tj, kgiss12@mail.ru

15.01.2024.